## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи «Сиккаҳои кадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Точикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)" барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00. – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2025. – 181 с.**

Сиккаҳои қадим яке аз навъи муҳимми сарчашмаҳои археологӣ буда, масъалаҳои иқтисодиёт, хоҷагии пулӣ, савдо ва ҳунармандиро дар таърихи давлат ва ҷомеа боэътимод инъикос мекунанд. Аксари сиккаҳои ёфтшуда ба давраҳои гуногуни таърихӣ тааллуқ дошта дар махзани осорхонаҳои кишвар, аз ҷумла дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҷамъоварӣ шудаанд. Омӯзиши тангаҳои дар фондҳои осорхонаҳо ва маҷмӯаҳои таърихии Тоҷикистон нигоҳдошташуда ҳамчун манбаъ имкон медиҳад, ки бисёр масъалаҳои таърих ва фарҳанги халқи тоҷикро равшан кунад. Тадқиқоти илмии сиккаҳо имкон медиҳад, ки хаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии тамаддунҳои гузаштаро омӯзем. Кори диссертатсионии Каримдодзода Миралӣ Замон "Сиккаҳои қадим ва аввали асримиенагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун манбаи таърихӣ (а.V п.м. - V м.)" низ ба ин гурӯҳи таҳқиқотҳо дохил мебошад.

Аз ин хотир мавриди таҳқиқ қарор гирифтани ин мавзуи муҳим дар таърихнигории таърихи халқи тоҷик ниҳоят мубрам буда, аҳаммияти калони илмиро дорост.

**Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Кори диссертатсионии Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) пурра мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Диссертатсия ва мавзуи он барои илми таърихнигорӣ ва таърихи халки тоҷик мубрам ва нав аст. Мубрамии диссертатсияи номзадии Каримдодзода Миралӣ Замон дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)" таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфта буд ва ин кӯшиши аввалин аз ҷониби унвонҷӯ барои ҳалли ин масъала ба шумор меравад.

Диссертатсия дар асоси таҳлили илмии доираи васеъи сарчашма ва адабиёти илмӣ омода шудааст. Каримдодзода Миралӣ Замон дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзишро таҳлил намуда, ба хулосаи дуруст омадааст, ки то ҳанӯз ҷанбаҳои илмӣ, назариявӣ, амалӣ ва методологии сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Бохтару Тахористон (а.V п.м. – V м.) ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар илми манбаъшиносии ватанӣ ва хориҷӣ дар сатҳи зарурӣ ва бо дарназардошти талаботи муосири ҷомеа таҳқиқ нагардидааст.

Сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон сарчашмаи муҳимми таърихӣ дар бораи муомилоти пулӣ дар Бохтари Шимолӣ ва Тахористон ба шумор мераванд. Ин сиккаҳо марҳилаҳои мухталифи ташаккул ва рушди муомилоти пулиро инъикос намуда, маълумоти муфассал дар бораи вазъи сиёсӣ ва иқтисодии минтақа дар даврахои қадим ва аввали асрҳои миёна фароҳам меоранд.

**Дараҷаи навгониҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мейёбад, ки бори аввал дар илми таърихнигорӣ ва манбаъшиносӣ диссертант масоили даврабандии таърихи сиккашиносии тоҷик, роҳҳои ташаккули фонди нумизматикии Осорхонаи миллии Тоҷикистон, марҳилаҳои ҷамъоварии ва ҷуғрофияи бозёфти сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёна, таърихи ташаккул ва рушди муомилоти пулӣ ва сикказанӣ дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистонро ҳал намуда натиҷаи онро ба илм ворид намуд.

Таҳияи феҳристи мукаммали илмии сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон бо назардошти талаботи муосири сиккашиносӣ ва таснифи илмии сиккаҳои фонди осорхона низ навгонии дар диссертатсия бадасомада мебошад.

Каримдодзода Миралӣ Замон дар асоси таҳлили сарчашмаву осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ бори нахуст мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (асри V п.м. – V м.)"-ро ба таври ҳамаҷониба ва васеъ ба риштаи таҳқиқ кашида, вазъи сикказанӣ ва муомилоти пуллии Бохтару Тахористонро таҳқиқ ва муайян намудааст. Ӯ дар асоси таҳлили таркибии сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон нақши муҳимми сиккаҳои мисӣ дар муомилоти пулии Бохтари Қадим нишон дода, гурӯҳбандии муомилоти пулии Бохтари Қадимро пешниҳод намудааст. Каримдодзода Миралӣ Замон дар рисолааш раванди ташаккул ва рушди сикказанӣ дар Бохтари Қадим, Юнону Бохтар, давлати Кушониён ва Сосониён ба таври фарогир мавриди таҳқиқ қарор дода, хусусият ва марҳилаҳои сикказанӣ, муомилоти пулӣ дар Бохтару Тахористонро дар а.V п.м. – а.V м. муайян намуд ва маълумоти тозаи сиккашиносиро бори аввал ба гардиши илмӣ ворид намуд.

Дар рафти таҳқиқот аз усулҳои муносибати комплексиву системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих истифодашаванда - таърихият, пайдарпайии хронологӣ ва мантиқӣ, таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ, тавсия, таҳлили системавӣ, масъалагузорӣ, хулосабарорӣ ва назари интиқодӣ истифода гардидааст. Ҳамчунин дар диссертатсия ҷараёни байнисоҳавӣ истифода шудааст, зеро бо хусусиятҳои мавзуи таҳқиқот монандӣ дошта, паҳлуҳои гуногуни он бо истифода аз дастовардҳои илмҳои сиккашиносӣ, бостоншиносӣ, манбаъшиносӣ, таърихнигорӣ, хронологияи таърихӣ ва ғайра омӯхта шуданд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯ асосӣ илмӣ

доранд. Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо он собит мешавад, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии сарчашмашиносии ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, кифоя будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои мавзуи таҳқиқшаванда, таъмин менамояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**. Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки дар асоси тахлилҳо ва таҳқиқотҳо заминаҳои таърихии равандҳои сиккасозӣ ва муомилоти пулӣ, рушди иқтисодию иҷтимоӣ, таърих ва фарҳанги Бохтару Тахористон дар давоми зиёда аз ҳазор сол (а. V п.м. – V м.) муайян гардидааст. Дар натиҷаи таҳқиқ маълумоти нав ва муҳимми илмӣ ба даст оварда шуданд, ки метавонанд заминаи устувор барои тадқиқоти минбаъда дар соҳаи сикказанӣ ва таърихи муомилоти пулӣ дар минтақаи мазкур бошанд.

Омӯзиши таҳқиқоти мазкур ҳамчун мавзуи муҳимми таърихӣ, на танҳо аҳаммияти калони илмиву амалӣ дорад, балки барои равшан сохтани саҳифаҳои таҳқиқнагардида ва норавшани таърихи қадим ва аввали асримиёнагии халқи тоҷик, инчунин барои тарбияи наслҳои ҷавони имрӯза ва ояндаи миллат кумаки амалӣ хоҳад расонд. Таҳқиқоти мазкур метавонад зимни таҳияи корҳои илмӣ доир ба масъалаҳои муҳимми таърихӣ ва фарҳанги халқи тоҷик ва мардумони ҳамҷавор тартиб додани барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсус доир ба таърихи сикказанӣ ва муомилоти пулӣ дар давраҳои қадим ва ибтидои асрҳои миёна дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза, Осиёи Миёна, Афғонистон, Ҳиндустон ва Покистон, барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад.

Дар рисолаи мазкур феҳристи муфассали 2780 сиккаи қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон замима шудааст, ки арзиши илмии онро ба маротиб меафзояд. Кормандони осорхонаҳо метавонанд натиҷаҳои таҳқиқро барои таҳияи экскурсияҳо, тартиб додани шиносномаҳои илмӣ ва феҳристсозии сиккаҳо истифода баранд. Ҳамчунин, сиккашиносон хоҳ муҳаққиқони касбӣ ва хоҳ ҳаваскорон метавонанд бо такя ба феҳристу тавсифи муфассали сиккаҳо, ки дар рисола таҳия шудаанд, ба муайянсозӣ ва шарҳи сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи минтақа муваффақ гарданд.

**Қисмати асосии таҳқиқ**. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб (7 зербоб), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт бо 247 номгӯй ва 1 замима (дар ҳаҷми 454 саҳифа) иборат аст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки дар асоси таҳлилу омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони муосир доир ба мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а.V п.м. – V м.)” равшанӣ меандозанд.

Боби якуми диссертатсия “Таърихи ташаккули фонди сиккаҳои кадим ва ибтидои асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон” номгузорӣ шуда аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал масоили таърихи ташаккули сиккашиносӣ дар Тоҷикистон таҳқиқ гардидаанд. Унвонҷӯ давраи мустамликадорӣ, шуравӣ ва замони истиқлолро ҳамчун даврҳои ташаккули сикашиносии тоҷик ҷудо намуда ҳусусиятҳои онҳоро муайян намудааст. Саҳми олимон Н.Н.Забелина, Е.А.Давидович, Е.В.Зеймал ва Д.Довудӣ қайд гардидааст. Ҳамзамон, диссертант рушди сиккашиносиро дар замони истиколои давлатӣ қайд намуда, сахми сиккашиносон А. Шарифзода, М. Сафоев, Ф. Сафоев, М.З. Каримдодзода ва А.А. Шарифзодаро зикр намудааст.

Зербоби дуюми боби аввали рисола “Нақши комиссияи фондӣ дар такмили фонди нумизматии Осорхонаи миллии Тоҷикистон” унвон дошта, он ба роҳҳои ҷамъоварӣ ва осорхонакунонии сиккаҳо бахшида шудааст. Илова ба ин дар зербоби мазкур топография ва тарзи дарёфти сиккаҳо дар асоси асноди бойгонӣ ва адабиёти илмӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Унвонҷӯ ба фаъолияти комиссияи харидории Осорхонаи миллии Тоҷикистон баҳои баланд гузошта, қайд намудааст, ки аз соли 2001 то 2024 Комиссияи харидории Осорхонаи миллии Тоҷикистон 2157 адад сиккаи қадим ва аввали асрҳои миёнаро харидорӣ намудааст.

Зербоби сеюми боби якуми рисола бо номи “Экспедитсияҳои бостоншиносӣ ва рисолати онҳо дар ғанигардонии фонди нумизматии Осорхонаи миллии Тоҷикистон” таҳия гардидааст. Оғози фаъолияти экспедитсияи мустақилонаи бостоншиносии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба соли 2014 рост меояд. Қайд шудааст, ки дар рафти хафриёти бостоншиносии Осорхонаи миллии Тоҷикистон аз соли 2014 то соли 2024 аз ёдгориҳои водии Вахш ҳамагӣ 363 адад сиккаҳои қадим кашф шуданд. Дар умум аз соли 1934 то соли 2024 мувофиқи китобҳои воридотии ОМТ 2780 адад сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагӣ ба фонди осорхона ворид гардидаанд. Дар асоси таҳлили фаъолияти ҳафриётии бостоншиносии

Осорхонаи миллии Тоҷикистон хулоса бароварда шуд, ки Осорхона дар даврони Истиқлол ба маркази асосии сиккашиносии Тоҷикистон табдил ёфтааст.

Боби дуюми рисола "Таснифи қадимтарин сиккаҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон" аз 2 зербоб иборат аст. Дар зербоби аввали он "Сиккаҳои Ҳахоманишию Юнонӣ ва ташаккули муомилоти пулӣ дар Осиёи Миёна" бозёфҳои нодир – дарики тиллой, сиккаҳои Искандари Мақдунӣ, сиккаҳои Афинаи кадим мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар натиҷаи таҳқиқи маводи нумизматии дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI аз ҳудуди Осиёи Миёна хулосабарорӣ оварда шудааст.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия "Вижагиҳои сиккаҳои юнонӣ-бохтарии Осорхонаи миллии Тоҷикистон" унвон дорад. Дар ин зербоб унвонҷӯ кайд кардааст, ки шумораи зиёди сиккаҳои юнонӣ-бохтарӣ ёфт шудааст. Фонди сиккаҳои юнонӣ-бохтарии Осорхонаи миллии Тоҷикистон калонтарин фонди чунин сиккаҳо дар Тоҷикистон мебошад. Дар натиҷаи таҳлили ин гуруҳи сиккаҳо Каримдодзода Миралӣ Замон ба ҳулосае омадааст, ки дар асрҳои III-I пеш аз мелод дар паҳнои фарохи қаламрави Бохтари Қадим сикказании бумӣ ва муомилоти пулӣ тараққӣ карда, сиккаҳои юнону бохтарӣ дар тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ нақши асосиро мебозиданд. Сиккаҳо доир ба таърихи сиёсии минтақа маълумоти муҳимро доростַ. Дар натиҷаи афзоиш ёфтани қувваҳои марказгурез давлати Юнону Бохтарӣ ба кисмҳо ҷудо шуд. Ҳар як ҳокими нисбатан қавӣ худро шоҳ эълон карда, аз номи худ сикка зарб мезад.

Аз таҳлили сиккаҳо бармеояд, ки бо инқирози давлати Юнону Бохтарӣ ва ба сари ҳокимят омадани Кушониён сикказанӣ ва муомилоти пулӣ рӯ ба пастӣ намуд, аммо аз байн нарафт.

Боби сеюми диссертатсия "Аҳамияти сарчашмавии сиккаҳои кушонӣ ва сосонии Осорхонаи миллии Тоҷикистон" ном дорад, ки аз 2 зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввали он “Авҷи сикказанӣ ва муомилоти пулии шимоли Бохтар-Тахористон дар асрҳои II т.м. – III милодӣ” сиккаҳои давлати Ашкониён-Порт ва Кушониён таҳлил гардидаанд. Каримдодзода Миралӣ қайд намудааст, ки дар замони давлатдории Ашкониҳо сикказанӣ ривоҷ ёфта буд, аммо сиккаҳои ашконӣ дар Осиёи Миёна, махсусан дар Тоҷикистон кам ёфт шудаанд. Мутаассифона, сикказании Ашкониён на дар номи боби сеюм ва на дар номи зербоби якуми ҳамин боб инъикос нашудааст.

Баъди инқирози давлати Юнону Бохтарӣ ва ба сари ҳокимият омадани Кушониён сикказании шоҳони маҳаллӣ назар ба дигар минтақаҳои Осиёи Миёна дар Бохтар барвақттар ба вуҷуд омад. Бозёфтҳои сиккаҳо шаҳодат медиҳанд, ки муомилоти пулӣ-молӣ дар навоҳии мухталифи Бохтар хеле рушд меёбад. Ба ақидаи Каримдодзода Миралӣ Замон бозёфти зиёди сиккаҳои мисӣ аз ҷануби Тоҷикистон, ба кони мисии Миси Айнаки Афғонистон рабт дорад.

Зербоби дуюми боби сеюм «Сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ ва сосонии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» унвон гирифтааст. Дар он 18 адад сиккаи кушонӣ-сосонӣ ва 39 адад сосонии фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон таҳлил гардидаанд. Сиккаҳои мазкур аз ҳудуди Тоҷикистон ёфт шуда, роҷеъ ба муомилоти пулии Тахористони Шимолӣ дар асрҳои III-V маълумот медиҳанд. Маълум гардид, ки сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ ва сосонӣ дар иқтисодиёти Тахористон нақши муҳим бозида аз сатҳӣ хеле баланди муомилоти пулӣ гувоҳӣ медиҳанд

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта ба таври мухтасар нисбат ба ҳар боб дар алоҳидагӣ зикр гардида, баъзе тавсия ва пешниҳодҳои муаллифӣ манзур гардидаанд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои Каримдодзода Миралӣ Замон касбӣ буда, баёнгари мундариҷаи диссертатсия ҳастанд ва бо маводи зиёди назариявию амалӣ ва далел асоснок гардидаанд. Яке аз махсусиятҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки довталаб Каримдодзода Миралӣ Замон тавонистааст оид ба ҳамаи нуктаҳо ва маълумоти пешниҳодкардааш бахси илмӣ ба вуҷуд орад,

онҳоро зери суол ва шубҳа кашад, мавқеъ ва нигоҳи муаллифиро дар ин замина ба миён орад. Далелҳои истифодашуда эътимодбахшанд. Ҳангоми таҳлил муносибат ба мавзуъ дуруст ва касбӣ буда, аз маҷрои зарурӣ берун нашудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**. Муҳтавои асосии диссертатсия дар ду монография, 15 мақолаи чопии довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷмуаҳо ва дигар васоити илмию таълимӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд ва пурра натиҷаҳои диссертатсияро фаро мегиранд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**. Диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Ҳамчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳалаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд.

**Эродҳо ба диссертатсия**. Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд, дар диссертатсия як қатор камбудиҳо мушоҳида гардиданд, киислоҳашон ба манфиат дониста мешавад:

1.Дар диссертатсия маводҳое дохил карда шудаанд, ки аз доираи хронологии мавзӯи тадқиқот (а. V т. м.  - V м) берун мераванд. Дар саҳифаҳои 140-146 сиккаҳои ганҷинаи Ҷайҳун (VI - VII), сиккаҳои Термез (VI - VIII), сиккаҳои Чағониён (V - VIII) ва дигар сиккаҳои ибтидои асрҳои миена таҳлил карда мешаванд. Бояд чунин ихтилофро шарҳ дод.

2. Барои сикказанӣ дар пойтахту марказҳои калони давлат зарробхонаи махсус мавҷуд буд. Бо қайд кардани бозёфтҳои зиёди сиккаҳои Юнону Бохтар, диссертант зарробхонаҳои кишварро номбар накардааст.

3. Дар зербоби 1, боби сеюми рисола маълумот доир ба сиккаҳои Ашкониён (а.III п.м) ва натиҷаи таҳлили он оварда шудааст (саҳ.111-113). Аммо, маводи овардашуда доир ба муомилоти пулии Порт на дар номи боб ва на дар номи зербоби якум инъикос нагардидааст.

4. Тавсия дода мешавад, ки харитаи ҷуғрофӣ бо нишон додани ҷойгиршавии нуктаҳои бозёфти сиккаҳо омода карда шавад  Харита имкон медиҳад, ки дарки визуалии маводи матни диссертатсияро тақвият диҳад.

5. Дар рисола баъзан хатогиҳои техникӣ ба назар мерасад.

Камбудиҳои мазкур ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро коста намесозанд. Зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ ва бо савияи баланди пажӯҳишӣ ба анҷом расонидааст.

**Қисмати хотимавии тақриз**. Диссертатсия аз лиҳози мубрамият, ном ва нақши мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо пайдарҳам ва бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Таҳлили матни диссертатсия ва автореферат нишон медиҳад, ки он кори анҷомёфта буда, дорои навгониҳо ва натиҷаҳои боэътимод аст.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Каримдодзода Миралӣ Замон муҳтавои асосии диссертатсияро

инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон бо доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, комилан мувофиқат мекунад.

**Хулоса,** диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а.V т.м. – V м.)» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба хисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардида аст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) аст.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани даракаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи археология, этнография ва диншиносии
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
Ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Раҳимов Н.Т.**

Суроға: 735018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи Мевагул
бинои 10, ҳуҷраи 190
Тел.: +992 927305194
E-mail: nabir@mail.ru

**«Имзои д.и.т., профессор Раҳимов Н.Т.-ро тасдиқ мекунам»:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Сайдуллозода З.С.**
21. 11. 2025